ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ ОЗОДОНА ВА ФАРОВОН ЗИНДАГӢ КУНЕМ!

آوازِ تاجیک

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

4 августи соли 2021. Чоршанбе № 60 (14761)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

НИШОНДОДҲОИ ИҚТИСОДИИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ ҶОРӢ ТАҲЛИЛ ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ ИСТИҚБОЛ МУАЙЯН ГАРДИДАНД

Зери раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 3 август ҷамъомади видеоселекторӣ бахшида ба таҳлили натиҷаҳои иқтисодии ҷамъбасти нимсолаи якум ва чорабиниҳо доир ба таъмини инкишофи босуботи иқтисодӣ дар минтақаҳо ва соҳаҳо то охири соли ҷорӣ баргузор гардид.

Таъкид шуд, ки дар нимсолаи якум ҳаҷми маҳсулоти нохолиси дохилии мамлакат 6,2 фоиз афзуд. Ин асосан аз ҳисоби инкишофи саноат ба 8,5 фоиз, сармоя – 5,9 фоиз ва соҳаи хидматрасонӣ – 8 фоиз ба вуқӯъ пайваст. Дарачаи инфлятсия 10,9 фоизро ташкил намуд.

Дар ин давра ба миқдори 200 триллион сӯм маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид. Суръати баланди инкишоф дар соҳаҳои кӯҳу маъдан, бофандагӣ ва электроэнергетикӣ, дар вилоятҳои Қашқадарё, Сирдарё, Ҷиззах, Намангон ва шаҳри Тошканд ба назар расид.

Ин пеш аз ҳама аз ҳисоби фаъолияти ботаносуби иқтисодиёт ва беҳсозии конюнктура дар бозорҳои хориҷӣ ба даст омад. Омили муҳими дастгирии рушди иқтисодиёт захираҳои давлатӣ низ ба шумор меравад.

Дар ҷамъомад роҳбари давлат таъкид кард, ки сарфи назар аз ҷудо намудани захираи ногузири молиявӣ барои рушди минтақаҳо ва соҳаҳо, дар маҳалҳо ҳанӯз натиҷаҳои чашмдошт ба даст наомадааст.

Ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар вилояти Сирдарё – 41 фоиз, дар Хоразм – 33 фоиз, дар Намангон ва Сурхондарё – 24 фоиз афзуд. Аммо дар вилоятҳои Фарғона ва Тошканд, ки молики имконоти зиёд мебошанд, инкишоф ҳамагӣ мувофиқан 1,2 ва 4,6 фоизро ташкил намуд.

Дар поёни нимсолаи якум 110 корхонаи саноатӣ дар минтақаҳо нисбат ба соли гузашта ба миқдори 2,2 триллион сӯм камтар маҳсулот истеҳсол намуданд.

Инчунин самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ гардиданд. Аз ҷумла, дар нимсолаи якум 5246 лоиҳа дар доираи барномаҳои сармоягузории минтақавӣ ба амал татбиқ гардиданд. Аммо фаъолияти онҳо дар инкишофи саноат қариб акс наёфт, масъулони ин соҳа – муовинони ҳокимон бо корхонаҳо дар ҳамкории зич кор намекунанд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар мамлакат 53 ҳазор воҳиди нави соҳибкорӣ ба вуҷуд оварда шуда, ин нисбат ба соли гузашта 14 фоиз зиёд мебошад.

Дар ҷамъомад чорабиниҳо оид ба таъмини инкишофи иқтисодӣ дар давраи то охири нӯҳ моҳ ва умуман соли 2021 муҳокима гардиданд.

Чун омили муҳими даст ёфтан ба ин мақсад дар нимсолаи дуюм истеҳсол намудани маҳсулоти саноатӣ ба миқдори 86 триллион сӯм дар корхонаҳои бузург ва 142 триллион сӯм дар минтақаҳо номбар шуданд.

Барои мисол, то охири сол саноати бофандагӣ метавонад маҳсулотро дар миқдори беш аз 15 триллион сӯм истеҳсол намуда, ба миқдори 1,7 миллиард доллар онро ба содирот барорад. Ё худ дар соҳаи электротехника содиротро то ба 348 миллион доллар расондан мумкин мегардад, дар саноати чарм то 251 миллион доллар расондан мумкин.

Ба ногузирии инкишофи соҳаҳо, ки дар минтақаҳо «драйвер»-ҳо ба шумор мераванд, васеъ намудани истеҳсолот дар корхонаҳои хурд ва миёна ишора гардид.

Ба муовинони Сарвазир вазифаи дақиқан омӯхтани лоиҳаҳои бакорафтода дар маҳалҳо ва кӯмак расондан ба онҳо барои ба иқтидори пурраи истеҳсолӣ расидан супурда шуд.

Дар панҷ соли охир беш аз 30 фармон ва қарори Президент дар бораи дастгирии ҳамаҷониба ва инкишофи ҳоҷагии қишлоқ қабул гаштааст.

Ба гардиш майдонҳои иловагии замин дохил карда шуда, субсидӣ ҷудо гардид. Низоми кластер дар тамоми соҳаҳои ҳоҷагии қишлоқ татбиқ гардида, танҳо соли ҷорӣ ба кластерҳо кредит ба миқдори беш аз 6 триллион сӯм ҷудо карда шуд.

Аммо натиҷабахшӣ дар ин соҳа ба интизоргардида мувофиқат намекунад, бисёр имконоти ба кор наандохта вуҷуд дорад.

Аз он ҷумла, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Бухоро, Қашқадарё, Самарқанд, Хоразм ва Тошканд дар дарачаи соли гузашта боқӣ монд. Истеҳсоли маҳсулоти растанӣ кам гардид.

Нишондодҳои ҳосилнокӣ бетағйир мемонад, дар баъзе намудҳои маҳсулот паст гардидани он ба назар мерасад. Дарачаи ғайриқаноатбахши кор дар соҳаҳои чорводорӣ ва паррандапарварӣ зикр гардид.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки эҳтиёҷи аҳолӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ меафзояд ва барои қонеъ намудани он ҳаҷми истеҳсолотро афзудан лозим мегардад.

Ба шахсони масъул дар бобати таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсолот ва азнавкоркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар нимсолаи дуюм супурда шуд.

Дар ҷамъомад ба таҳлили соҳаи хидматрасонӣ эътибори алоҳида нигаронда шуд.

Тавре ки маълум аст, 11 майи соли ҷорӣ қарори Президент «Дар бораи чорабиниҳо оид ба рушди босуръати соҳаи хидматрасонӣ» қабл гардида буд, ки он барои татбиқи лоиҳаҳо доир ба афзоиши номгӯ ва баланд бардоштани сифати хидматрасонӣ дар минтақаҳо мусоидат намуд.

– Давлат имконот ба вуҷуд овард. Одамон фаъол ва меҳнатдӯстанд. Акнун соҳаи хидматрасонӣ куллан бояд тағйир дода шавад. Ин усули аз ҳама камхарҷи ба вуҷуд овардани ҷойҳои нави кор мебошад. Дар деҳот ҳарчи қадар хидматрасонӣ зиёд бошад, сифат ҳамон қадар баланд мегардад, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Барои инкишофи соҳа дар марҳилаи якум барои 7 бонки тичоратӣ 1 триллиону 575 миллиард сӯм ҷудо карда шуда буд. Ба туфайли он дар минтақаҳо 2,4 ҳазор лоиҳа ба кор дароварда шуд.

Дар натиҷа, дар муқоиса бо нимсолаи якуми соли 2020, ҳаҷми хидматрасонӣ ба беш аз 18 фоиз афзуд. Суръати баланд дар вилоятҳои Сирдарё, Андиҷон, Бухоро, Хоразм, Сурхондарё, Фарғона ва шаҳри Тошканд ба қайд гирифта шуд.

Дар ҷамъомад ба ногузирии идома додани ин кор ва имконоти ба вуҷуд овардани 415 ҳазор ҷойи нави кор то охири сол ишора гардид. Дар ин самт чорабинии истиқболнок – ба корхонаҳо ҷудо намудани биноҳои холӣ ва қитъаҳои замин, дастгирии худбандкунӣ ба шумор мераванд.

Ба Вазорати нақлиёт ба вуҷуд овардани хатсайрҳои нави хидматрасонии нақлиёт ва бо хидмати нақлиёти ҷамъиятӣ фаро гирифтани 1113 маҳалла супурда шуд.

Сарвазир ва муовинони вай, роҳбарони соҳаҳои иқтисодӣ ва ҳокимони вилоятҳо аз рӯи масъалаҳои дар ҷамъомад баррасигардида ҳисобот доданд.

Таҳия ва таъмини иҷро то охири сол дар бобати нақшаҳои дақиқ аз рӯи ҳар як соҳа ва минтақа чун вазифа гузошта шуд.

ЎзА.

Ӯзбекистон кишвари дорои захираҳои бузург аст. Вале сарвати бузургтарини мо ин сулҳу салоҳ, эҳтироми тарафайни байни намояндагони миллат ва динҳои мухталиф мебошад.

Мо барҳақ бо ин сарвати бебаҳои худ ифтихор мекунем ва тамоми нирӯву имконияти давлату ҷамъиятамонро ба таҳкими муҳити дӯстӣ ва ҳамдилӣ дар мамлакат сафарбар менамоем.

Шавкат МИРЗИЁЕВ

Акси садо

НИШОНИ ВАҲДАТ ВА ҲАМДИЛӢ

Ӯзбекистон роҳи ваҳдат, сулҳу салоҳ ва ҳамдилии байни кишварҳову халқҳоро интихоб кардааст. Дар ҷумҳурӣ намояндагони беш аз 130 миллат ва халқиятҳое, ки онҳоро фарҳанг, анъанаҳо ва дӯстиву эҳтироми тарафайн ба ҳам мепайванданд, зисту зиндагӣ ва кор мекунанд. Ҳоли ҳозир 150 маркази миллии фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстӣ амал мекунанд. Дар мамлакат барои ҳифз кардан ва инкишоф додани забон, адабиёт, урфу одатҳо тамоми шароит фароҳам оварда шудаанд. Ҳамчунин кулли ҳуқуқ ва озодиҳои намояндагони халқҳои дигар новобаста аз ҷинс, ирқ, миллат, дин ва баромади иҷтимоиашон дар қонунҳо сабт ёфтаанд.

Дар муассисаҳои давлатии таълимии кишвар ба ҳафт забон сабақ дода мешавад. Ҳамчунин китобҳои дарсӣ ва аёниятҳои таълимӣ ба забонҳои гуногун навиштаву чоп гардидаанд ва дар ҷараёни таълим истифода мешаванд.

Дар Ӯзбекистон созмонҳои маърифатӣ, аз ҷумла осорхонаи рассоми машҳури қазоқ Ӯ.Тансиқбоев, осорхонаи шоир С.Есенин, осорхонаи Тамарахонум ва бисёр вакилони дигар маданияту санъат, ки замоне дар кишвари мо зиндагӣ ва кор карда, ба рушди соҳаҳои мазкур саҳми муносиби худро гузоштаанд, амал мекунанд.

Дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ҷумҳурии мо миқдори зиёди одамони аз ҷойҳои ҷанг кӯчонидашудагонро қабул кард, ки дар байни онҳо пирону кӯдакон, коргарону намояндагони зиёӣ буданд. Бисёрии онҳо олимон, нависандагону шоирон, журналистону оҳангсозон ба шумор мерафтанд. Тӯли солҳои буду боши худ дар Ӯзбекистон онҳо нафақат имкон доштанд соҳаи фаъолияти худро инкишоф диҳанд, балки баъд аз худ шогирдону ворисони сазовор, ҳамчунин анъанаҳои некеро вогузоштанд, ки бинобар онҳо алҳол дар мамлакати мо соҳаҳои таълим, илм ва фарҳанг инкишоф меёбанд.

Бахусус, дар соҳаи таълим муаллимону омӯзгороне кор карданд ва кор мекунанд, ки вакилони миллатҳои дигар ба шумор мераванд, дар байни онҳо намояндагони миллатҳои рус, яҳудӣ, қазоқ, уйғур, тоҷик ҳастанд. Ҳар кадоми онҳо барои шукуфоии Ватан дар ҷойи худ фидокорона кор карда дар қалбҳои мо шарораи меҳру муҳаббат афрӯхтанд.

30 июл дар Ӯзбекистон ба сифати Рӯзи дӯстии халқҳо таҷлил мегардад. 3 майи соли 2011-ум Ассамблеяи Генералии СММ ин рӯзро эълон карда буд. Дар баённомаи ҳуҷҷати мазкур гуфта мешавад, ки «дӯстии байни халқҳо, кишварҳо, фарҳангҳо ва шахсони алоҳида метавонад ба таъмин сохтани сулҳу салоҳ рӯҳу илҳом бахшад ва ба бунёди пули байни ҷамъиятҳое, ки гуногунрангии маданиро эҳтиром мекунанд, имконият фароҳам оварад». Аз ҷониби роҳбари давлат нишони сарисинагии «Халқлар дӯстлиги» таъсис дода шуд. Бо он кормандони мақомоти давлатии маҳаллӣ ва ҳоричӣ, созмонҳои ғайритиҷоратӣ, субъектҳои соҳибкорӣ, намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ ва расонаҳои ахбори оммавӣ, ҳамчунин ҳамватанони хоричие, ки дар таҳкими муҳити дӯстӣ ва ҳамдилии байни намояндагони тамоми миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар кишвари мо зисту зиндагӣ мекунанд, саҳми сазовор гузоштаанд, мукофотонида мешаванд.

Ойдин АБДУЛЛОЕВА,
депутати Палатаи қонунофарии Олий Мачлис.

Китоби нав

КИТОБЕ, КИ МАТОНАТИ ХАЛҚРО МАДҲ МЕНАМОЯД

Ба ҳама маълум аст, ки соли 2020 дар таърихи тамоми инсоният ҳамчун давраи озмоиши ҷиддӣ мӯҳр зад. «COVID-19», ки соли 2019 пайдо шуд, дар саросари ҷаҳон босуръат паҳн шуда, ҳанӯз боиси нигаронӣ ва таҳлука дар саросари дунё гардид.
Ин беморӣ сироятқунанда кишвари моро низ канор нагузошт.



Дар асоси супориши Президент Шавкат Мирзиёев оид ба гирифтани пеши роҳи паҳншавии инфексияи коронавирус дар мамлакат, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, таъмин намудани осоиштагии санитарию эпидемиологии ҳудудҳо дар муддати кутоҳ маҷмӯи чораҳо муайян шуданд.

Мутаассифона, дар вазъияте, ки тамоми ҷаҳон таҳти таҳлукаи коронавирус қарор дорад, талафоте, ки шамоли шадид дар вилояти Бухоро, обхезии вилояти Сирдарё овард, матонати халқи кишварамонро бори дигар аз озмоиш гузаронд.

Мардуми мо, ки бисёр чизҳоро дида ва дар душвориҳо обутоб ёфтааст, ин офатҳоро низ бо матонат паси сар намуд.

Китоби нави «Офат ва матонат», ки ба қарибӣ дар нашриёти «Ӯзбекистон» аз чоп баромад, дар бораи равандҳои таърихии кишварамон дар давраи мураккаби пандемия, аз ҷумла, чораҳои фаврӣ ва таъҷилии аз ҷониби давлат ва ҳукумати мо бо мақсади мубориза бурдан бо ин офат таҳияшуда, ташаббусҳои нек ва хайрхоҳонаи амалишуда, хислатҳои начиби мардуми таҳаммулпазир ва начибамон нақл мекунад, ки офатҳои табиӣ ва техногении ғайричашмдоштро бо далерӣ, пурсабрӣ ва матонат бартараф кардаанд.

Боз як ҷанбаи муҳим – ин китоб ҳамаи моро ташвиқ мекунад, ки дар муқобили пандемияи мураккабе, ки ҳоло ҳам дар саросари ҷаҳон идома дорад, ҳушёр бошем, аз рӯзҳои озмоишӣ сабақи муносиб гирифта, аз донишу таҷрибаҳои андӯхташудаи ҳаёт самаранок истифода барем.

ЎзА

«ЯК ГУЛИ МАҚСУД ДАР ИН БӮСТОН...»

Рӯзи дӯстии халқҳо, ки бо ташаббуси Президент Шавкат Мирзиёев дар кишварамон таъсис ёфт, дар Ӯзбекистони сермиллат ба таври васеъ, савияи олӣ ва дар рӯҳи баланд бори аввал таҷлил гардид. Ба муносибати санаи мазкур, ки дар ҷумҳурии мо бори аввал қайд карда мешавад, мувофиқи фармони раҳбари давлат як қатор ҳамдиёронамон бо мукофотҳои олии Ватан – ордену медалҳо мукофотонида шуданд. Дар байни онҳо самарқандиён низ ҳастанд.

2 июл дар ҳокимияти вилоят мукофотҳои давлатӣ тантанавор ба соҳибонашон супорида шуданд. Дар идомаи тадбир 8 нафар шаҳрванд, ки дар кишвар бобати мустаҳкамсозии муносибатҳои дӯстонаи байни миллат ва халқҳои гуногун саҳми арзанда гузошта, барои пешбурди фаъолияти марказҳои милливу фарҳангӣ ва ҷамъиятҳои дӯстӣ фидокорона меҳнат кардаанд, бо нишони сарисинагии “Халқлар дӯстлиги” тақдир гардиданд.

– Маҳз бо сиёсати хирадмандонаи сарвари кишварамон дар Ӯзбекистон намояндагони миллату халқиятҳои зиёд ҳамчун фарзанди як оила дӯсту салоҳ зиндагӣ ба сар мебаранд, – гуфт ҷонишини раиси Кумитаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робитаҳои дӯстӣ бо кишварҳои хориҷии назди Девони Вазирон Валерий Тян. – Чанде пеш дар Самарқанд Қасри дӯстӣ кушода шуд, ки камина ширкат намудам. Ҳоло дар хонаҳои васеъ, равшан, хушҳаво 11 маркази милливу маданӣ фаъолият мебаранд. Имрӯз як гурӯҳ раисони марказҳо бо нишони сарисинагии “Халқлар дӯстлиги” мукофотонида шуданд. Ду нафар раиси маҳалла медали “Шуҳрат” гирифт.

– Дар маҳаллаи мо намояндагони беш аз 20 миллат буду бош доранд, – гуфт раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи “Марҳабо”-и шаҳри Самарқанд Анҷелика Сараҷанова. – Онҳо чун узви як оила аҳлу тифоқ зиндагӣ мекунанд. Тӯю маросимҳоямон низ муштарак. Фарзандонамон дар боғча ва мактаб якҷо таълим мегиранд. Дар кишвари биҳиштмонанди мо барои вакилони миллатҳои гуногун шароит фароҳам оварда шудааст. Мо аз ин миннатдорем. Хурсандиовар аст, ки имрӯз бо мукофоти давлатӣ – медали “Шуҳрат” сарфароз гардидам. Ин ба дил сурур ва ба дӯш масъулият мегузорад. Минбаъд низ барои равнақи Ватан таҳтидилона меҳнат мекунем.

– Шоири бузург Саъдии Шерозӣ фармудааст: “Як гули мақсуд дар ин бӯстон, Чида нашуд бе мадади дӯстон”, – гуфт раиси Маркази миллию маданӣ ва тоҷикзабонони вилоят, соҳиби нишони сарисинагии “Халқлар дӯстлиги” Акбар Маҳмудов. – Шахсан ман шукуфоии кишвари маҳбубамонро аз дӯстии халқҳо медонам.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Дар шаҳр ва ноҳияҳои вилояти Сурхондарё низ ба хонадони аҳолӣ васл кардани ҳисобкунакҳои «ақлнок»-и электронӣ аз ҷониби филиали таъминоти гази «Ҳудудгаз Сурхондарё» оғоз ёфт.

Ҳисобкунакҳои замонавӣ мисли телефонҳои мобилӣ сим-карта дошта, аз аккумулятор-батареяҳо қувват мегиранд ва кор мекунанд. Ба хидмати диспетчерӣ бе сим ва бевосита алоқа барқарор мегардад. Вақте ҳисобкунак мавҷудии қарзҳоро нишон дод, то пардохта шудани он додани газ ба таври автоматӣ боздошта мешавад.

То охири соли равон дар вилоят васл кардани 107833 ҳисобкунаки замонавии газ ба нақша даромадааст.

Дар сурат: рафти васлкунии ҳисобкунакҳо.

Суратгир:
Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ЎзА).

РАҒБАТ ИНСОНРО БА ФАТҲИ ҚУЛЛАҲОИ БАЛАНД РӮҲБАЛАНД МЕСОЗАД

Дар мамлакати мо ягонагии миллат ва динҳо, ҳусни тафоҳуми байни онҳо, тарбияи насли наврас дар рӯҳи кушодадилӣ, эҳтиром ба суннатҳои миллӣ ва умумибашарӣ аз ҷумлаи самтҳои устувори сиёсати давлат гардидааст.

Боиси эътибор аст, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои кулли шаҳрвандон, новобаста аз миллат, забон ва динашон пайи инкишоф додани маданият, анъана ва урфу одатҳои онҳо тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудаанд. Солҳои охир корҳое, ки дар самти мазкур татбиқ мешаванд, бинобар сифат ва маъниву мазмунашон ба зинаи нав бардошта шуданд, ки шоистаи эътибор мебошад.

Ҳоли ҳозир дар кишвари мо вакилони беш аз 130 миллат ва халқият чун дар оилаи муштараку аҳл зисту зиндагӣ мекунанд, баробари дар соҳа ва ҷанбаҳои мухталиф фидокорона кор кардан бахри равнақ ва шукуфоии Ӯзбекистони азиз саҳми муносиб зам менамоянд. Аз ҳама муҳимаш, барои дар мамлакат беш аз пеш побарҷо кардани муносибатҳои байнимиллӣ 150 маркази миллию маданӣ саҳм мегиранд.

Бояд гуфт, ки гузаштагони мо дар замонҳои душвор ҳам бинобар ваҳдат ва ҳамгароии халқи сермиллатамон, бо такя ба хислатҳои фидокорӣ, инсонпарварӣ ва кушодадилӣ тамоми машаққат ва имтиҳонҳоро паси сар кардаанд. Аз ин рӯ 10 феврали соли равон Қонун «Дар бораи муайян кардани Рӯзи дӯстии халқҳо» қабул гардид ва 30 июл дар кишвар Рӯзи дӯстии халқҳо эълон шуд.

Соли ҷорӣ санаи мазкур дар мамлакат бори аввал ба сифати ҷашн васеъ таҷлил гардид. Мувофиқи фармони роҳбари давлат намояндагони миллат ва халқиятҳои гуногуне, ки дар Ватанамон зисту зиндагӣ карда, барои тараққиёти он фидокорона меҳнат мекунанд, тақдир гардиданд, аз ҷумла роҳбарони марказҳои миллию маданӣ ва дар қатори онҳо ман низ бо ордени «Фидокорона хизматлари учун» мукофотонида шудам. Ин мукофоти олӣ боз як ифодаи равшани ғамхорӣ нафақат ба ман, балки ба тамоми намояндагони соҳаи мост.

Ман солҳои зиёд боз дар Маркази миллию маданиии куриёиҳои ҷумҳурӣ кор мекунам. Аз он ҳеле хурсандам, ки ба комёбиҳои бузурги кишварамон кам бошад ҳам, саҳм гузоштаам. Минбаъд тамоми дониш ва салоҳияти худро ба дар рӯҳи суннатҳои олии маънавиву ахлоқии халқамон тарбия кардани фарзандонамон сафарбар менамоям ва ба мукофоти мазкур бо меҳнати муттасили худ ҷавоб медиҳам. Воқеан, рағбат инсонро ба фатҳи қуллаҳои нав рӯҳбаланд месозад.

Виктор ПАК,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Мачлис.

Қарор ва иҷро

РИВОҶИ ТОКПАРВАРӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Ангурпарварӣ таърихи қадима дорад. Тадқиқотҳои геопалентологӣ ва ампелографикӣ аз он далолат медиҳанд, ба парвариши ангур дар ин сарзамин бобоҳои мо ҳанӯз 6 ҳазор сол аввал машғул будаанд. Баробари парвариши ангурзор бо коркарди ангур, яъне омодасозии шароб эътибор нигаронида мешуд.

Дар давраи шӯравӣ бинобар яккаҳокимии пахта токзорҳо кам шуданд. Хусусан, дар солҳои 1985-1986, бинобар вайрон карда шудани майдонҳои васеи ток, соҳа зарари ҷиддӣ дид.

Имрӯзҳо дар мамлакатамон қарор, фармон ва фармоишҳое, ки бинобар ривоҷ дода шудани боғпарварӣ қабул мешаванд, самараи худро мебахшанд. Дар солҳои истиқлолият бештар аз 40-50 ҳазор гектар майдонҳои ғайриистифода ва лалмӣ ба токзор табдил ёфтанд. Хусусан, дар се-чаҳор соли охир ангурпарварӣ дар мамлакат ривоҷи тоза ёфт. Танҳо дар соли сипаришудаи 2020 аз ҷониби хоҷагиҳои фермерӣ ва корхонаҳои дигар дар ҳудуди 22,6 гектар токзорҳои нав бунёд гардид. Айни замон 4,3 гектар ин гуна майдонҳо реконструксия карда шуданд. Соли равон дар 50 ҳазор гектар майдонҳои лалмию бекорхобида барпо кардани токзорҳои нав ба нақша даромадааст. 6,2 ҳазор гектар токзорҳое, ки самараи иқтисодӣ намебахшанд, мавриди навсозӣ қарор мегиранд.

Ҳаминро низ таъкид кардан бамаврид аст, ки навъҳои зиёди ангури дар ин сарзамин парваришёфта, бинобар мусоидии обу ҳаво, сершира, ширин, саршор аз витамин мебошанд. Солҳои охир аз ҷониби муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳурӣ як қатор навъҳои ба шароити маҳаллӣ хос офарида шуданд, аз қабили «Ризомат», «Кишмиш-вира», «Кишмиш суғдиёна», «Тарнавъ», «Рангдор», «Тиллогун» ва ҳоказо. Ин навъҳо алҳол аз ҷониби соҳибкорон дар майдонҳои васеъ парвариш меёбанд.

Мегӯянд, ангурҳои мо, хусусан ҳусайниву тоифӣ, он қадар шаҳдбор, ки «забонро мебуранд». Баробари хуштаъм будан шифобахшанд. Растаи бозорҳоямон чаҳор фасли сол аз меваҳои тару тоза саршор. Баробари хоҷагиҳои фермерӣ ҳамдиёронамон дар хоҷагиҳои ёрирасон – қитъаҳои наздиҳавлиашон ток парвариш ва ҳосили дилхоҳ меруёнанд. Нафақат дар деҳот, балки дар шаҳрҳо ба парвариши ангур эътибор пурзӯр шудааст. Масалан, имрӯзҳо ба қадам гузоштан ба ҳудуди маҳаллаи Бекободи ноҳияи Учтепаи пойтахт чашматон ба токзорҳо меафтад, ки хеле хуб парвариш ёфта, ғарқи меваанд. Дам гирифтан дар соҳаи токзор рӯзҳои гармои тобистон хеле ҳузурбахш. Дар 38 хонадон – истиқоматкунандагони гузари Токзор нашъунамои токзори пур аз меваро дида, дилатон боғ-боғ мешукуфад. Асосан навъҳои кишмишӣ парвариш меёфтаанд. Шахсони солхӯрдае, ки ҳадиси боғбонро гирифтаанд, таҷрибаҳои ҳудро ба фарзандон меомӯзонанд. Як мӯйсафед вазифадор шудааст ба панҷ бача нозукиҳои парвариш – обу ғизо додан, шохҳои барзиёдро бурида, шакл додан, хомток сохтанро ёд диҳад. Фозилҷонотаи 74-сола дар маҳаллаи Қӯйидархон истиқомат мекунад. Бо ташаббуси вай дар пешорӯи бинои бисёрошёнаи истиқоматӣ токзор барпо гаштааст. Воиши пурҳашам низ далел бар баландии диди эстетикии барпокунандагони он. Вақте мева пухта расид, бо эҳтиёт ғунчин ва ба аҳолии гузар тақсим карда мешавад. Хусусан беморон, бо чашидани меваи хуштамъ, дар ҳаққи Фозилҷонота ба пайравони вай дуо мекунанд. Меваҳои бозор низ хуштамъ, вале ба ангуре, ки нав аз шоха бурида шудааст, мерасад?

Баробари пешпазак ангурҳое низ парвариш меёбанд, ки охирҳои тирамоҳ шира пайдо мекунанд.

Бо мақсади омӯхтан ва паҳн сохтани таҷрибаҳои пешқадам дар токпарварӣ чорабиниҳои амалӣ андешида мешаванд. Чанде пеш таҳти сарпарастии муовини Сарвазир Шӯҳрат Ғаниев дар ноҳияи Олтиариқи вилояти Фарғона семинар-тренинги ҷумҳуриявӣ таҳти мавзӯи «Ангурпарварӣ: назариёт ва амалиёт» баргузор гардид.

Зарурияти оммависозии таҷрибаҳои пешқадам дар соҳаро Президент дар яке аз ҷамъомадҳои охирини селекторӣ низ таъкид сохт. Вай гуфт дар ангурпарварӣ хусусан боғбонҳои ноҳияҳои Олтиариқи вилояти Фарғона ва Булоқбошии вилояти Андиҷон намунааанд. Ба рафти бевоситаи кори боғбонӣ бояд бевосита шинос шуд, маслиҳатҳояшонро гирифт, усулҳои ибратбахши кориашонро дар ҳудудҳои дигар ҷорӣ сохт.

Бо супориши роҳбари давлат дар ҳар вилоят барномаи рушди ангурпарварӣ кор карда бароварда ва масъулони соҳа аз паи иҷрои вазифа шуданд. Ба равнақи усули кластерии ангурпарварӣ аҳамияти алоҳида нигаронида шуд.

Дар семинар-тренинг воқеъ дар Олтиариқ, ки таъкид кардем, аз Қароқалпоқистон ва ҳамаи вилоятҳо наздик 500 нафар ширкат ҷустанд. Гуфта шуд, баробари олтиариқӣ ва булоқбошиён боғбонҳои паркентӣ низ дар парвариши ток ва расондани ангурҳои шаҳдбор таҷрибаи ғанӣ доранд. Дар чорабинӣ ташкил кардани мактаби ангурпарварӣ дар ҳудудҳои наздик 50 ноҳияи ҷумҳурӣ вазифадор карда шуд.

Намояндагон аз Олтиариқ гуфтанд, дар ноҳияамон тақрибан 40 ҳазор хонадон мавҷуд бошад, дар ҳар яки онҳо ток парвариш меёбад. Усули маҳаллабайҳи ангурпарварӣ ҷорӣ ва сокинон дар 180 маҳаллаи ноҳия аз пайи ривоҷи соҳа ҷидду ҷаҳд менамоянд. Дуредгарҳояшон қуттиҳое месозанд фақат барои ҷойгир сохтан, кашондан, нигоҳ доштани меваҳои ток. Хоҷагиҳои фермерӣ, марказҳои логистикӣ фаъолияти ҳудро ҷоннок сохтаанд, то мева беталаф ба ҷойҳои даркорӣ расонда дода шавад. Меваҳои экспортбоб дар як ҷо нигоҳ дошта, дар ҳамин ҷо ҳуҷҷатҳо барои содирот омода карда мешаванд.

Намоянда аз вилояти Сирдарё хотирнишон сохт, алҳол дар канори Ҷайҳун низ токзорҳо ба бунёд омада ва майдони умумиашон аз 1200 гектар зиёдтар аст. Сирдарёиҳо ния доранд ин гуна майдонҳоро ба 3800 гектар расонанд. Умуман, дар ҷумҳурӣ барпои ангурзор дар ҳудуди 153 ҳазору 700 гектар мавриди назар қарор гирифтааст.

Тарзи кластерии парвариш 500 гектар майдонро фаро ҳоҳад гирифт. Нафақат дар тирамоҳ, аввалбаҳор низ ба Олтиариқ меҳмон шавед, ангури нав аз шоха буридаро пешатон мегузоранд. Меваро, ки мавриди нигоҳубини оқилона аст, зимистони сард низ сармо намезанад...

Дар ноҳия хоҷагии фермерии Хайрулло Бойматов дар парвариши токзор ба аҳли вилоят намуна. Ҳусайнбой Ғуломов дар қитъаи наздиҳавлиаш аз ток ва себ ҳосили баланд рӯёнда, таҷрибаҳои андӯхтаашро ба ҷавонон ёд медиҳад. Чӣ тавр манбаи даромад будани ангурпарвариро таъкид карда гузаштем. Олтиариқие, ки дар 8 сотих ток парвариш месозад, соле 35-40 миллион сӯм даромад кардан аш мумкин. Саъйҳо дар ноҳия бинобар пухта расондани ҳосили саноатбоб, ба экспорт созгор ва бозоргир самара мебахшанд.

Мувофиқи қарори дахлноки роҳбари давлати мо мамлакат бо технологияи нави замонавӣ оиди токпарварӣ таъмин мегардад. Дар 48 ноҳияи ҷумҳурӣ, ки ба соҳа махсусонида шудаанд, корҳо аллакай оғоз ёфтаанд. Соли 2021 бояд токзорҳо дар ҳудуди 50 ҳазор гектар барпо гарданд. Аз 1 августи соли ҷорӣ ба иҷора додани майдонҳои лалмию обёришаванда барои парвариши ангур дар асоси озмуни кушод ибтидо гирифт.

Аз соли 2022 бо мақсади ривоҷи соҳа ва ҳавасмандсозии боғдорҳо таҳти «Беҳтарин навъи ангур», «Беҳтарин ангурпарвари интенсив», «Беҳтарин навъи ангури ватанӣ», «Беҳтарин маҳсулоти виносозӣ» барин номгӯйҳо озмун-азназаргузаронӣ (дар ду сол як бор) гузаронида мешаванд. То охири соли равон таҳти ҳамкорӣ бо масъулони муассисаҳои таълими олии хоричӣ оиди ангурпарварию виносозӣ факултаҳои муштарак дар донишгоҳҳои давлатии Ҷиззах ва Фарғона кушода мешаванд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

БАРРАСИИ МАСЪАЛАҲОИ УСТУВОРИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ

Таҳти унвони “Масъалаҳои устувори мубориза бо коррупсия” конфронси байналмилалӣ роҳандозӣ гардид. Он таҳти ҳамкории Сенати Олий Маҷлис, Агентии мубориза бо коррупсия, Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ ва Барномаи рушди СММ ташкил гардид.

Дар кори конфронс намояндагони палатаҳои Олий Маҷлис, Вазорати молия, Бизнес омбудсман, Ҷунбиши умумимиллии “Юксалиш”, роҳбарони ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ, инчунин вакилони САҲА, Садорати мубориза бо нашъамандӣ ва ҷиноятҳо ва СММ ва амсоли он ширкат намуданд.

Конфронс бо паёми Раиси Сенати Олий Маҷлис, Раиси Шӯрои миллӣ оид ба мубориза алайҳи коррупсия Танзила Нарбоева ва оғоз гардид. Вай аз ҷумла гуфт, ки таъмини устувории қонун ва ислоҳ намудани сохтори ниҳодҳои суд ва ҳуқуқ мусоидат хоҳанд кард, ки мубориза бо коррупсия самараи бештар диҳад. Гузашта аз ин, такомул додани механизми ташкиливу ҳуқуқии мубориза бо коррупсия аз омилҳои асосӣ арзёбӣ гардид.

– Конфронси мазкур бо мақсади он ташкил карда шуд, ки дар солҳои охир мо кадом ислоҳотро дар соҳаи мубориза алайҳи коррупсия пиёда мекунем. Ҳадафи дигари мо ин аст, ки мардуми кишвар, вакилони созмонҳои байналмилалӣ аз ин раванд бештару беҳтар огоҳ карда шаванд. Инчунин дар бораи иҷрои барномаҳое, ки дар ин самт татбиқ мегарданд, мутаҳассисону коршиносон фикру пешниҳодҳои ҳудро ироа намоянд ва мо онро ҷамъбандӣ ва натиҷагирӣ кунем, – гуфт директори Агентии мубориза бо коррупсияи ҷумҳурӣ Акмал Бурҳонов.

Директори Агентӣ таваҷҷӯҳи иштирокчиёни конфронси байналмилалиро ба он ҷалб намуд, ки дар ин бора ду ҳуҷҷати муҳимро Президенти мамлакат имзо кардааст. Ҳуҷҷати аввал фармон “Дар бораи чораҳои фароҳам овардани фазои таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия, якбора коҳиш додани коррупсия дар идоракунии давлатӣ ва густариши иштироки мардум” ва ҳуҷҷати дуввум қарор “Дар бораи чораҳои иловагии ташкили самараноки фаъолияти мубориза бо коррупсия” мебошад.

– Коҳиш додани омили инсон дар раванди коррупсия, фароҳам овардани шароит ва имкониятҳо барои мардум, ки битавонанд бо роҳбарони идораҳои мухталиф вориди мулоқот шаванд, таъмини шаффофият, муқаррар будани ҷавобгарӣ зимни даст доштан ба коррупсия, афзоиши масъулияти роҳбарони идораҳои давлатӣ ва амсоли он аз намунаҳои ислоҳот дар ҷомеаи мо мебошанд, – изҳор кард Акмал Бурҳонов.

Вай бо таассуф қайд намуд, ки ҳанӯз дар як қатор соҳаҳо ришватхорӣ авҷ гирифтаву ҷиҳати коҳиш додани он агентие, ки вай роҳбарӣ мекунад, талошҳои зиёд ба харҷ медиҳад. Ҷорӣ намудани вакситаи покӣ ва ҳалолӣ, бар асоси озмун ба кор ҷалб намудани мутахассисон, ба роҳ мондани рейтинг, маҳдудият барои онҳое, ки бо иллати даст доштан дар коррупсия муҷозот шудаанд ва монанди он омилҳое маҳсуб меёбанд, ки барои барҳам додани коррупсия хидмат хоҳанд кард.

– Дар мамлакате, ки одамонаш бофарҳанг ҳастанд, илму фан тараққӣ мекунад, коррупсия ҳатман коҳиш хоҳад ёфт. Зеро илму дониш ва фарҳанг мусоидат менамояд, ки инсонҳои ҷомеаи фавқуззикр ҳуқуқи ҳудро дарк кунанд ва барои коррупсия шароит фароҳам наоваранд, – гуфт раиси Кумитаи Сенати Олий Маҷлис оид ба масъалаҳои суду ҳуқуқ ва мубориза бо коррупсия Нарамон Умаров.

Намояндаи хоси Раиси вақти Созмони амният ва ҳамкории Аврупо дар мубориза бо коррупсия Анита Рамасастри аз тариқи онлайн дар ин конфронс ширкат намуд.

– Сиёсати давлати Ўзбекистон дар мубориза бо коррупсия қобили дастгирӣ мебошад. Ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ низ, ки мавҷуданд ва ҷавобгӯи талаботи ин замонанд. Таъмини шаффофият ва ошкоргӯӣ дар кишвари шумо барои самаранокии мубориза бо коррупсия хеле мусоидат хоҳанд кард. Барҳам додани иллати марбут бо коррупсия аз мардуми кишвар низ шуҷоат ва далерӣ тақозо менамояд. Бояд онҳое, ки дар бораи зуҳури аломатҳои коррупсия агентиро хабардор мекунанд, таҳти ҳимояти қарор гиранд, – гуфт Анита Рамасастри.

Маълум шуд, ки САҲА омода аст дар соҳаи мубориза бо коррупсия ба Ўзбекистон ҳар гуна кўмакҳои лозимаро бирасонад.

Дар конфронс баромадкунандагон эътироф намуданд, ки тибқи фармони Президент барномаи давлатии иборат аз 44 банд оид ба мубориза бо коррупсия барои солҳои 2021-2022 тасдиқ шудааст.

Ногуфта намонад, ки дар ин конфронс ба Агентии мубориза бо коррупсия дар соҳаи такмили тии мубориза бо коррупсия дар соҳаи такмили ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва меъёрӣ 7 тавсия ва дар соҳаи тақвияти назорати парлумонӣ ва иҷтимоӣ 7 тавсия тақдим гардид. Ин тавсияҳо аз суханронҳо ва маъруҳаҳои нотиқони коршиносони байналмилалӣ маншаъ гирифтаанд.

Дурдона ОЧИЛОВА,
масъули дафтари матбуоти Агентии мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон.

Хабарҳо

Ваксинаи нав дар Ўзбекистон

Дар рӯзҳое, ки паҳншавии инфексияҳои коронавирус ҳанӯз ҷилавгарӣ нашуда ва оммаро ба ташвиш мегузорад, яке аз роҳҳои асосии пешгирии иллат қабул кардани ваксина мебошад.

Алҳол ваксинаи Moderna, ки истеҳсоли ИМА буда, ба Ўзбекистон 3 миллион доза фиристода шудааст, дар қисме аз поликлиникаҳои оилавии пойтахт мавриди истифода аст. Мутахассисон ба шароитҳои нигоҳ доштани ваксина эътибори ҷиддӣ медиҳанд, хабар додааст шабакаи «Vaksina.uz». Ваксина дар ду доза равона карда шуда, баъди 28 рӯз қабули дубораи он ба амал меояд. Ҳар хоҳишманд дар поликлиникаи оилавии ҳуд барои гирифтани он муроҷиат карданаш мумкин (пешниҳоди нусхаи паспорт шарт аст). Самаранокии ваксина алайҳи вирус 94,1 фоиз тасдиқ ёфтааст.

Вертолётҳо оварда мешаванд

Дар авиатсия яке аз воситаҳои парвоз вертолётҳост. Бе онҳо роҳҳои ҳавоиро тасаввур сохтан душвор. Авиатсияи шаҳрвандии Ўзбекистон бо вертолётҳои нав таъмин мегардад.

Ҳанӯз моҳи феврали соли равон байни ҷонишини вазири нақлиёт Ҷ.Чориев ва ноиб-президенти ширкати Airbus International оиди минтақаи Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ Жак Гарриг дар хусуси хариди чаҳор вертолёт гуфтугӯ ба амал омада ва дар ин хусус хабарҳо паҳн шуда буданд. Аз ин вертолётҳо ду адад дар моҳи июн ба кишвари мо омада расида ва расмӣ гардонда шуданд. Модели онҳо – Н-125.

Ду вертолёти дигаре, ки бояд моҳи октябр дастрас гарданд, дар модели Н-130 буда, аз вертолётҳои расида ҳаҷман бузургтаранд.

Дар маросими тақдимоти вертолётҳои нав, ки баргузор гардид, таъкид ёфт бинобар воқеаи мазкур дар авиатсияи шаҳрвандии Ўзбекистон самтҳои нав кушода мешаванд. Дар маросим ҷонишини нахуствазир Азиз Абдуҳакимов иштирок намуд.

Соҳибкордухтар аз Хонобод

Гулбаҳор Тоҷимуҳаммедова аз шаҳри Хонободи вилояти Андиҷон духтаракест панҷ панҷааш ҳунар. Вай имсол дабистони таълими умумии рақами аввали шаҳрро ба итмом расонда ба Донишгоҳи техникии Тошканд ҳуҷҷат супурд.

Навъе мебинем, вай ҳанӯз хеле ҷавон, вале чун ҳунарманди дасташ гул аллакай ном баровардааст. Дар устохонаи хонадони ҳуд заргарӣ мекунад. Бештар аз 40 навъ маҳсулоти заргарии миллӣ, ки ӯ омода сохтааст, имрӯзҳо серхаридор. Гулбаҳор баробари ба роҳ гузоштани бизнеси ҳуд дугонаҳояшро барои огоҳ шудан аз асрори заргарӣ ба устохонааш ҷалб кардааст. Духтарон дар ду моҳ чӣ тавр сохтани зебигардан, дастпона ва тиллоқош барин зеварҳоро ёд мегиранд. Дар телеграм ва истаграми Гулбаҳор саҳифаҳо мавҷуд, аз бозорҳои калони Қӯқанд ва Андиҷон фармоишот меафтанд.

– Дар як ҳафта бо шогирдонам ба омодасозии 500 дона тасбеҳ, 50-60 «қоши тиллоӣ» ва зебигардан муваффақ шуда истодаем, – мегӯяд соҳибкордухтар.

Вай ба шогирдонаш мувофиқи корашон маоши хуб пардохта ва ҳудаш моҳе камаш 4 млн. сӯм даромад мегирад.

– Ҳам меҳонам ва ҳам истеҳсолотро ба роҳ мегузорам, – таъкид месозад Гулбаҳор Тоҷимуҳаммедова.

М. ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Мавзӯъ барои мулоҳиза

БИДЪАТҲО ДАР ТЎЙ

ё ҳуд онҳоро чӣ тавр маҳв кардан мумкин аст?!

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» калимаи «тӯй» ба маъноҳои сур, ҷашн, ид, маросимҳои хурсандӣ шарҳу эзоҳ ёфтааст, ки ба муносибати арӯсӣ, суннат кардан ва ғайра барпо мешаванд.

Рости гап, доир ба гузаронидани ин гуна анъанаҳои неку лаҳзаҳои сурурбахши аҷдоди мо бисёр навиштаанд, менависанд ва ҳоҳанд навишт. Зеро зиндагонии халқҳои моро бидуни сур (тӯй) наметавон тасаввур кард, ки барои дар байни мардум нигоҳ доштану афзудани меҳру муҳаббат, пайваст кардани ришталҳои дӯстӣ хизмат мекунад.

Як мақсади дигар аз маъракадиҳӣ хайру эҳсон аст. Мутаассифона, дер боз он ба мусобиқаи «ман аз фалонӣ кам не» табдил ёфтааст. Алалхусус, дар маросими акди никоҳ.

Шояд ҳамаи ин амалҳо аз сабуксарӣ, нодонӣ ва беписандӣ нисбат ба дину диёнату қарорҳои ҳукумат доир ба танзими маъракагузаронӣ бошад. Пӯшида нест, ки шахсони доро ва бадавлат мувофиқи табъи дили ҳуд маърака меороянд. Зеро ба чунин дабдабаҳои нозарур имкон доранд, аммо оилаҳои камбизоату нодору ночор «обрӯ» гуфта, то баногӯш ба қарз ғӯта зананд ҳам, ғӯё ноилоҷ дег-дег ош дам мекунанд. Мо аз чӣ бошад, ки барои бахту саодат, соҳиби илму ҳунар шудани фарзандон кӯшиш намекунем, ё кам андеша менамоем, ҳушу ёдамон ба хатнатӯй, акди никоҳ ва ғайра банд аст.

Чанде пеш ба базми никоҳи ҳамгузарамон рафтем. Бешубҳа, аз дабдабаи он ҳуш аз сари муш мепарид. Болои миз, ба қавле ғайр аз шири мурғ ҳама чиз муҳайё буд. Писаракону духтаракон ба хизмат ҳозиру нозир. Баранда тавассути баландгӯяк эълон кард, ки «гунаҳкорон»-и шодиёнаи имшаба ташриф мефармоянду бояд ҳама аз ҷо хеста бо кафкӯбӣ пешвоз гирем. Лаҳзае нагузашта арӯсу домод ва дар атрофи онҳо «фариштаҳо»-ҳо – духтарчаҳои норасида, ки дар ду китф бол доранд, пайдо шуданд. Кадоме аз ҳолдонҳо гуфт, ки ҳаққи хизмати ҳар кадоми онҳо 100-200 доллар аст.

Арӯси либоси гаронбаҳои нимбараҳна пӯшида, ба эҳтироми меҳмонон таъзим карда буд, ки ҳозирон аз шарм ба зери по нигаристанд. Кадоме «шармандагӣ» гӯён пичиррос ҳам зад.

Баъди «шаҳаншоҳ ва маликаи замон», яъне арӯсу домод бо виқор ба тахт нишастан пасу пеш ҳофизони номдор бо навбат суруд хонданду раққосаҳои бешарму беҳаё ба мисли чангкашак ба назди ҳар як миз омада густохонаву китф ларзонда пулҳоро хазон барин чиданд.

Сипас баранда эълон кард, ки акнун ҳама ба экран дида дӯзанд. Дар чаҳор гӯшаи базмгоҳ аз «оинаи нилгун» видеолавҳаи «Love story» («Таърихи муҳаббат»)-и дилдодагон ба ҳукми меҳмонону мизбонон ҳавола гардид. Тасвири лаҳзаҳои то базми ҷамшедӣ арӯсу домод чанд маротиба дар куҷо ва чӣ хел вохӯрӣ кардаанд, аз бозору мағозаҳо чиҳо гирифтаанд, ҳатто ишқварзии онҳо дар истироҳатгоҳи ноҳияи Бӯстонлиқи Тошканд чӣ гуна оғоз ёфта буд, намоиш дода шуд.

Пеш аз поёни базми акди никоҳ арӯсу домод якдигарро ба оғӯш гирифта рақсиданд, ки валс ном дошт. Хешу наздикони соҳиби тӯй асъори миллӣ ва ҳатто доллари амрикоиро аз болохона ба сари онҳо пош доданд, ки аксари ҳозирон ба пахтачинҳои чусту чолок табдил ёфтанд.

Боз як одати аҷиб диққати меҳмонону мизбононро ба ҳуд кашид. Арӯс қабл аз тарк кардани базмгоҳ гулдастаро ба паси ҳуд, сӯйи як гурӯҳ духтарони қадрас, вале ба шавҳар набаромада, ки ин лаҳзаро бесаброна интизорӣ мекашиданд, ҳаво дод. Духтарону дӯшизагоне, ки бояд аз гапу ҳарфи ба шавҳар баромадан шармашон омада, рӯяшон алвонӣ шавад, ҳоло дар назди мардум бебокона ва бо ифтихор барои соҳиб шудан ба гулдаста талош меварзиданд. Зеро, гӯё кадоме гулдастаро ба даст оварад, бешубҳа, хушбахт мешудааст. Ё тавба, ана ба шумо русуми нави ба шавҳар баромадан.

Фаромӯш кардаем, ки зебу зиннати духтаракони мо шарму ҳаё, ахлоқу одоби ҳамида, ору номус, имону ислом мебошад.

Собиқ муаллими мактаби миёна, ки дар пахлӯям нишаста буд, ин манзараро дида, «ана ба шумо бидъат, тақлид ба хорича», – гуфт норозиёна.

– Ин одат на ба суннат, на ба дину диёнати мо мувофиқ аст, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд дигаре...

– Баъди зиёфат танқид нашояд, – луқма партофт муаллими ҳамшафатам, – даҳони хӯрда – шарманда.

Хушбахтона, кадоме ба тавриҳуд омин карду аз ҷо хест. Мо низ дунболи ӯ сӯйи дарраҳта ба рӯйи дастархон нигаристем. Ана исрофгариву мана ба буда ношукрӣ!..

Суханҳои ҳамнишинам гӯё чун теғ ба устухон расид. Баъди чанд рӯз вақт ёфта ба идораи акди никоҳи ноҳияи Самарқанд рафтам ва таассуроти хешро бо таассуф аз маъракаи ҳамгузар ба мудира Заррина Нуриддинова гуфта додам.

– О, акаҷон, шумо аз кори дунё тамоман бехабар-ку, – оҳи бадард кашид Заррина Шодиевна, – модари домод ба аспи одамхӯр табдил ёфта омад ва бо сӯзу гудоз, чашмонаш пур аз ашк фарёд зад, ки махри келин ночиз буд ва харҷоташ дар тӯй нӯги остин нашуд. Мебели шалаҚ, пардаи ислиқӣ фиристода, тилловорӣ накардааст. Дар назди мардум сӯхта кабоб шудам. Болои сӯхта намакоб, келин тунди халахӯр, танбал баромад, аллакай қаҳр карда рафт. Ман обрӯ гуфта, ҳариф бист ҳазор доллар харҷот кардам. Ҳозир омадам, то талоқ диҳам, ана баъд судбозӣ.

– Апаҷон, шайтонро ҳай гӯед, – насиҳат кардем мо, – убол мешавад.

– Шумо ҳам тарафи ҳамонҳо-мӣ?, – ҳамаатонро аз ҳаллочӣ мегузаронам,– гӯён бо қаҳру ғазаб бадар рафт ӯ.

Афсӯс, ки ин ҳодисаи нахустин нест. Шумо ҳамчун соҳиби қалам ба инаш чӣ мегӯед?!

– Намедонам, вале Заррина набону, идораи шумо барои пешгирӣ аз чунин иллату бидъатҳо чӣ тадбирҳо меандешад?

– Хушбахтона, бо сарвараи мо ва ҳамаи ин ноҳиёт ба ҳаракат ва ҳаракатҳо ба ҳаракатҳо ба ҳаракатҳо ба

ДАР ТЎЛИ ЧОРУНИМ СОЛИ ОХИР ВАЗЪИЯТИ КИШВАР КУЛЛАН ТАҒЙИР ЁФТ,

– мегўяд Носирхўҷа Каттахўҷаеви 94-сола

Дар чаҳорумин соли охир вазъият дар Ҷумҳурии Ўзбекистон ба таври назаррас тағйир ёфт. Ҳазорон нафар шахсоне, ки шиносномаи шаҳрвандии Ўзбекистон надоштанд, соҳиби шиносномаи шаҳрвандӣ шуданд. Онҳо аз зумраи нафароне мебошанд, ки солҳои дароз ба идораҳои шиносномадиҳӣ муроҷиат кардаанд, аммо муроҷиатҳояшон бесамар анҷомидааст. Тайи ин муддат аз табъизу таҳқир азияти зиёд кашидаанд ва рўзҳои душворро паси сар намудаанд.

Гурўҳе аз ин шахсон то пошхўрии шўравии собиқ дар кишварҳои ҳамҷавори Тоҷикистон ва Қирғизистон ба сар бурдаанд. Дар гузаштаи начандон дур дар кўҷо кору зиндагӣ кардани одамон мушкилоте эҷод наменамуд. Баъд ҳар кадоме аз ин одамон агар мехостанд, ба зодгоҳ ё кишварашон бармегаштанд ва кору зиндагиашонро идома медоданд. Аммо…

Аввали солҳои навадуми қарни гузашта маъракаи иваз намудани шиносномаҳои шаҳрвандӣ ба вуқўъ пайваст. Онҳое, ки шиносномаҳои худро иваз намуданд, ба ягон мушкилот мувоҷеҳ нашуданд. Аммо онҳое, ки ин корро дар вақти муқарраршуда анҷом надоданд, бештар аз ду даҳсола ба азият мубтало шуданд. Ба ин гуна шахсон шиносномаи бидуни шаҳрвандӣ дода шуд.

Қонун "Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Ўзбекистон" ба тасвиб расидааст. Бар асоси ин қонун шахсоне, ки то 1 январи соли 1995 ба Ўзбекистон барои истиқомати доимӣ омадаанд, дар даст шиносномаҳои бидуни шаҳрвандӣ доранд ва ба идораҳои марбута муроҷиат мекунанд, инчунин шаҳрвандии ягон кишвари хориҷиро напазируфтаанд, ба сифати шаҳрванди Ўзбекистон эътироф мегарданд.

Аммо таъкиди он нукта бамаврид аст, ки маҳз як қатор моддаҳои ҳамин қонун дар амал татбиқ нагардидааст ва одамони зиёд ба азияту ноумедӣ рў ба рў шудаанд. Танҳо баъди ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев ва иродаи сиёсии ин марди дурандеш давраи навгониҳо шурўъ гардид ва шахсони муддати дароз сарсону саргардонгашта ба ҳайси шаҳрвандони Ўзбекистон пазируфта шуданд.

– 25 сол муқаддам аз Тоҷикистон ба деҳае, ки он ҷо зодаву парварда шудаам – деҳаи Ҳушёри ноҳияи Сўх баргаштам. Ҳанўз солҳои 70-уми қарни гузашта барои худ ҳавлӣ сохта будам. Ба ин ҳавлӣ бо ҳамсар ва як писарам омада зиндагиро шурўъ намудам. Аммо ҳамсари шодравонам бидуни он ки ба ҳайси шаҳрванди Ўзбекистон пазируфта шавад ва беш аз бист сол аз ноҳияи Сўх берун сафар намояд, ду сол муқаддам қазо кард,– мегўяд бо таассуфи зиёд сокини 91-солаи ноҳияи Сўх, Аълочии маорифи Тоҷикистон Бегалӣ Болтаев.

Ба гуфтаи ин пирамард баъди Президент интихоб шудани Шавкат Мирзиёев вазъият рў ба беҳбуд овард. Чанд моҳ муқаддам вай ва писараш – Рустам соҳиби шиносномаи шаҳрвандии Ўзбекистон шудаанд. Баъдан ба онҳо шиносномаи сурх низ додаанд, ки бароянҳо имкони ба ҷойи дилхоҳи Ватан ва сафари кишварҳои хориҷро медиҳад.

– Аз рўзҳои аввали ба вазифа шурўъ намудани Шавкат Мирзиёев марзҳо ба рўйи мардум боз шуданд. Бо Тоҷикистон низоми раводид барои як моҳ барҳам хўрд. Ҳоло ман метавонам ба Тоҷикистон сафар кунам ва ба дидори се фарзанди худ ва набераву абераҳоям бирасам, – мегўяд бо чашмони пур аз ашки шодӣ Бегалиамак Болтаев.

Вай ёдовар шуд, ки чаро маҳз солҳои зиёд дар Тоҷикистон машғули кору зиндагӣ шудааст. Ба гуфтаи ин мўйсафед дар замони шўравии собиқ онҳое, ки мактаби олӣ ё омўзишгоҳро хатм мекарданд, маъмурияти он муассиса хатмкунандагонро ба шаҳру ноҳияи дилхоҳ мефиристод ва ҳадди ақалл ду сол мебоист кор кунанд.

– Маро ба ноҳияи Фарми Тоҷикистон фиристоданд. Баъди фаъолият дар яке аз мактабҳои миёна дар шўъбаи маорифи ноҳия инспектор шуда кор кардам. Вақте ки маро ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор даъват карданд, аллакай хонадор шуда будам. Аммо панҷ фарзандам – се духтару ду писар дар шаҳри Душанбе таваллуд шудаанд, – мегўяд Бегалӣ Болтаев.

Вай афзуд, ки бо тақозои тақдир ду духтару як писар дар шаҳри Душанбе монданд ва як писару як духтар ҳоло дар деҳаи Ҳушёр машғули кору зиндагӣ мебошанд.

– Солҳои дароз ману фарзандонам ба дидори ҳамдигар нарасидем. На онҳо ба назди ман меомаданд ва мо имкони ба Тоҷикистон рафтанро надоштем. Сабаб ҳамин шиносномаи бидуни шаҳрвандӣ буд, ки намегузошт мо аз ноҳияи экслави Сўх берун бароем, – ба ёд меорад бо изтироб ин пирамард.

– Ноҳияи Сўх аз чаҳор тараф дар иҳотаи Ҷумҳурии Қирғизистон қарор дорад. Маҳз ҳамин ҳолат боис мегашт, ки ман ва ҳамаи онҳое, ки дар даст шиносномаи шаҳрвандии Ўзбекистонро надоштанд, мисли бандӣ аз қаламрави ноҳияи Сўх баромада наметавонистем.

– Ҳар вақт бародарам – Бегалӣ шикоят мекард, ки ба вай шиносномаи шаҳрвандӣ намедиҳанд, ки аз ноҳияи Сўх берун равад, аз акоям дида ман бештар азияти рўҳӣ мекашидам. Ман низ дар Тоҷикистон таҳсил кардаам. Дар Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ифои вазифа намудаам ва баъд понздаҳ сол мудири шўъбаи фарҳанги ноҳияи Сўх шуда кор кардаам. То касби истиқлол ман ба назди падару модари пирам баргаштам. Бародарам каме дертар баргашт ва ин қадар сол азият кашид, – изҳор кард Султоналӣ Болтаев.

Бино ба гуфтаи ин ҳамсуҳбати мо дар чаҳоруним соли охир дигаргуниҳои куллӣ рух медиҳанд. Ин дигаргуниҳоро мардуми зиёд бо бесабрӣ мунтазир буданд. Ба таъкиди Султоналӣ Болтаев бемороне, ки дар даст шиносномаи шаҳрвандии Ўзбекистон надоштанд, наметавонистанд ба шифохонаи вилоятӣ рафта худро муоинаву муолиҷа намоянд.

– Ман аз сафи артиш баргашта, ба шўъбаи корҳои дохилӣ ба кор пазируфта шудам. Баъдан маро барои кор ба ноҳияи Қадамҷои вилояти Ботканди Қирғизистон фиристоданд. Солҳои зиёд ба сифати нозири минтақавӣ дар шаҳраки Ҳайдаркони ин ноҳия кор кардам. Нисфи аҳолии ин шаҳракро сўхиён ташкил медоданд. Онҳо дар кони симоб, автобаза ва корхонаҳои дигари он кор мекарданд. Зану шавҳар дар як ҳавличаи хурд зиндагӣ мекардем. Баъди истеъфо, ба ноҳияи Сўх баргаштем ва дар шуъбаи корҳои дохилӣ ба дастам шиносномаи бидуни шаҳрвандӣ доданд. Ҳамаи мушкилиҳо баъди ҳамин бозгашт пайдо шуданд ва ду даҳсола ба азияти мувоҷеҳ гардидам, — мегўяд капитани мустафъӣ Раҳмиддин Сайдинов.

Ба таъкиди Раҳмиддин Сайдинов боре сахт бемор шуд ва зарурат пеш омад, ки дар бемористони вилоятӣ раваду муолиҷа гирад. Аммо марзбонони худамон ва қирғизҳо бо шиносномаи бидуни шаҳрвандӣ нагузоштаанд, ки сарҳадро убур кунад.

Вай иброз медорад, вақте ки Шавкат Мирзиёев ба сари кор омад, мушкилиҳои зиёди онҳо оҳиста аз байн бардошта шуданд. Яке аз ҳамин мушкилиҳои рафъшуда ба сифати шаҳрванди Ўзбекистон шинохта шудани вай ва садҳо тани дигар мебошад, ки дар қаламрави ноҳияи Сўх бидуни ҳаққу ҳуқуқ ба сар мебурданд.

– Ҳар як шахс ҳақ дорад, ки дар ҳимояи қонун кору зиндагӣ кунад. Аммо ҳудуди 400 нафар сокинони ноҳияи Сўх то ба сари қудрат омадани Шавкат Мирзиёев аз ҳақи шаҳрвандӣ маҳрум буданд ва ба наздикӣ онҳоро давлату ҳукумат ба сифати шаҳрванд эътироф намуд. Сиёсати дурнамои Президент Мирзиёев мусоидат менамояд, ки ҳуқуқу озодиҳои одамони зиёд барқарор гардид ва онҳо низ чун дигарон аз ҳамаи имкониятҳо бархурдор бошанд, — мегўяд журналисти мустақил Камодлиддин Азизов.

Қобил ба ёдоварист, ки ноиби раиси Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ўзбекистон, директори Маркази миллии ҳуқуқи инсони Ўзбекистон Акмал Саидов дар бораи коҳиши бешаҳрвандӣ сухан ронда, таъкид варзидааст, ки Президент Шавкат Мирзиёев даъвати Антонио Гутерриш – дабири кулли СММ-ро дар бораи барҳам додани бешаҳрвандӣ дастгирӣ менамояд ва барои дар амал татбиқ намудани он қадамҳои қатъӣ мегузорад.

Ба гуфтаи Акмал Саидов маҳз ба туфайли ҳамин қадамҳои қатъии Шавкат Мирзиёев ҳазорҳо нафар сокинони Ўзбекистон, ки аз ҳаққи шаҳрвандӣ маҳрум буданд,шиносномаи шаҳрванди Ўзбекистонро ба даст оварданд.

– Мо дар асри бисту якум ба сар мебарем. Аммо баъзе ҳолату вазъияте, ки то чоруним соли пеш мушоҳида мегардид, баёнгари он буд, ки баъзе бандҳои қонунҳои мавҷуда иҷро намешаванд. Шавкат Мирзиёев барин шахс таърихро дигаргун сохт ва ҳазорҳо нафарро аз банди азияту нокомӣ начот бахшид. Одамон нафаси озод мекашидагӣ шуданд. Ана ҳамин сиёсати хирадмандонаи Шавкат Мирзиёевро бояд пиру барно дастгирӣ кунем ва барои шукуфоии ин мамлакат хидмат намоем, – мегўяд сокини деҳаи Қизилқиёқи ноҳияи Сўх, пирамарди 94-сола Носирхўҷа Каттахўҷаев.

Тибқи иттилои Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ аз моҳи декабри соли 2016 то кунун 22 ҳазору 322 нафар ба унвони шаҳрванди Ўзбекистон пазируфта шуданд. Аз рўи мансубияти миллӣ шиносномаҳои шаҳрвандии Ўзбекистонро ўзбекҳо, тоҷикҳо, қазоқҳо, қирғизҳо, туркманҳо, русҳо, тоторҳо, уйғурҳо ва миллатҳои дигар ба даст овардаанд, ки барои сукунати доимӣ ба Ўзбекистон омадаанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири "Овози тоҷик".
Вилояти ФАРҒОНА.

Боз як медали тиллоии олимпиада

Вазнбардор Акбар Ҷўраев дар ду самт рекорди олимпиро гузошт

Ҳайати Ўзбекистон дар Олимпиадаи Токио боз як медали тиллоиро ба даст овард, ки он дар намуди вазнбардорӣ дар тоифаи 109 кг. аз ҷониби Акбар Ҷўраев ба даст оварда шуд.

Ў дар навбати аввали вазнбардорӣ 193 ва дар навбати дуюм 237 килограмм – дар маҷмўъ 430 килограммро бардошта, ба номи чемпиони олимпӣ мушарраф гардид.

Рақиби асосии ў Симон Мартиросяни арманистонӣ буд, ки дар дасти аввал 195 килограммро бардошта, натиҷаи аввалро нишон дод. Дар дасти дуюм Ҷўраев аввал 227 кило вазнро бардошта, рақиби ў аз вай як кило бештар натиҷа нишон дод. Пас аз он Ҷўраев вазни 234 килоро дархост карда, дар кўшиши аввал комрон нагардид. Дар кўшиши сеюм ў 237 килоро дархост кард ва ин вазнро бардошта тавонист. Мартиросян бошад, дар кўшишҳои дуюм ва сеюм санги 238 килоро натавонист бардорад ва бо натиҷаи 423 кило бо ҷойи дуюм иктифо намуд. Ҷойи фахрии сеюм (410 кило) ба Артурс Плесникси латвиягӣ насиб кард.

Шоистаи эътибор аст, ки Ҷўраев дар дасти дуюм (237 кило) ва дар натиҷаи умумӣ рекорди олимпиадаро гузошт.

Ин медали сеюми намояндагони Ўзбекистон дар Олимпиадаи Токио буд. То ҳанўз Улуғбек Рашидов дар мусобиқаи таэквондо ба медали тилло ва дар дзюдо Давлат Бобонов ба медали биринҷӣ муваффақ гардида буданд. Ҳоло Ўзбекистон дар таснифи умумии мамлакатҳо бо Юнон ҷойҳои 27-28-ро баҳам мебинад.

Мухбири худамон.

ПАНДИ МИРМУҲСИН БА ҶАВОНОН

Аз адибони забардасти ўзбек Ғафур Ғулом, Ойбек, Ҳамид Ғулом, Шукрулло барин соҳибони қалам дар назм ва наср баробар табъ озмуда, дар ҳар ду соҳа ба комёбиҳо даст ёфтаанд. Дигар аз устодони сухан, ки дар рушди назму насри муосири адабиёти халқи бародар саҳми муносиб ҳамроҳ кард, Мирмуҳсин мебошад, ки агар ҳаёт мебуд, 100-ро пур мекард. Мирмуҳсин, зимнан, назар ба адибоне, ки зикр шуданд, сермаҳсултар аст. Асарҳои назмию насриаш, баробари миқдор, бо сифат ва савия ҷудо шуда меистанд.

Мирмуҳсин соли 1921 дар маҳаллаи Сақичмони шаҳри Тошканд дар оилаи кулоли ночор ба дунё омад. Аз бачагӣ ба кулолгарӣ рў овард, баробари фаъолият дар устохонаи одии падар шеър машқ намуд. Аввалин падидаҳои қаламиаш соли 1936 рўйи чоп диданд.

Хост омўзгор шавад, бинобар ҳамин ба Донишкадаи давлатии омўзгории Тошканд ҳуҷҷат супурд. Дар даврае донишҷў гашт, ки мушкилот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт ба мушоҳида мерасид. Баъди хатми институт муддате дар газетаи бисёрдадаи трести трамвайи пойтахт ба сифати муҳаррири адабӣ кор кард. Баъд фаъолияташро дар кумитаи радиошунавоии Ўзбекистон идома бахшид. Гуфторҳои адабӣ-мусиқии садои кишвар дар даврае, ки вай муҳаррирӣ мекард, то андозае мазмун ва моҳияти тоза пайдо намуд.

Муҳаққиқӣ низ аз эътибори шоир ва муҳаррири боистеъдод дур намонд. Дар аспирантураи донишкадае, ки таҳсил гирифт, дониши худ такмил бахшид. Як муддат дар Иттиҳодияи нависандагони Ўзбекистон ба ҳайси мушовири адабӣ фаъолият бурд. Сонитар ўро котиби масъули ташкилоти адибон таъин намуданд.

Қобилияти хуби ташкилотчигиашро ба эътибор гирифта, соли 1950 Мирмуҳсинро ба идораи «Шарқ юлдузи» даъват намуданд. Ба ҳайси сармуҳаррир вай боварии ташкилотҳои дахлдор ва алоқамандони ҷараёнҳои адабиро сафед намуд. Баъдтар ба маҷаллаҳои «Муштум» ва «Гулистон» сарпарастӣ намуд. Сонитар ба ҳайси мудири шуъба дар рўзномаи ҳукуматии «Совет Ўзбекистони» (ҳоло «Ўзбекистон овози») фаъолият намуд.

Навъе ишора рафт, фаъолияти эҷодии Мирмуҳсин ҳанўз дар миёнаи солҳои сиюм оғоз ёфт ва вай то охири умр (соли 2005) аз навиштан боз намонд. Тўли 70 соли фаъолият самаранок эҷод намуд ва аз сафи адибоне қарор гирифт, ки аз ҳама сермаҳсултар мебошанд. Айёме «Ба ҷавони испан» ном шеъраш дар маҷаллаи «Ўзбекистон адабиёти ва санъати» рўйи чоп дид ва ҳикояаш дар маҷаллаи «Ёш куч» бо унвони «Бачаҳои шикорчӣ» нашр гардид ва бароях шуҳрат овард, ҳанўз бистсола нашуда буд. Аввалин асари калонҳаҷми Мирмуҳсин – достони «Қамар» соли 1939 дар маҷаллаи «Ўзбекистон адабиёти ва санъати» эълон гашт. Бовар намекарданд ин асари ҷолиби назмиро ҷавони ҳаждаҳсола навишта бошад.

Нахустин дафтари шеърҳояш, ки «Ватан» номгузорӣ кард, соли 1945, аввалин маҷмўаи ҳикояҳояш бо унвони «Дили мард» соли 1942 ба дасти хонанда расид. «Вафо», «Фарғона», «Ҳамватанон», «Меҳмонҳо» барин асарҳояш чун меваҳои ниҳоли навбар аз дурахши боз як истеъдоди фитрӣ дар майдони адабиёт дарак медоданд.

Хусусан, чун достонсаро ба забонҳо афтид. «Усто Ғиёс», «Дўнан», «Деҳаи сабз», «Қадрдонҳо», «Абдулло Набиев», «Шерак», «Набера» барин асарҳои калонҳаҷми назмиаш ба дасту дили алоқамандони назм ҳарорат бахшиданд.

Мирмуҳсин аз байни адибони ўзбек нахустин шуда, ба таълифи романи шеърӣ («Зиёд ва Адиба») ҷуръат намуд. «Дорбозҳо» (1956), «Ҷамила» (1957), «Мармари сафед» (1958), «Ҳикояҳо» (1959) ном маҷмўаҳои назмию насриаш ҷомаи табъ ба бар карданд.

«Мармари сафед» қиссаи таърихист. Дар мавзўи таърих вай «Ғуломон» ном роман низ таълиф сохт, ки оиди воқеъномаҳо дар давраи салтанати хонии Хева аст.

Мирмуҳсин хусусан аз ибтидои солҳои ҳафтодум ҷиддитар ба эҷоди бадеӣ камар баст. Пайиҳам се романи таърихӣ («Меъмор», «Темурмалик», «Маликаи Турон»), ки таълиф сохт, чун воқеаи адабӣ дар адабиёти муосир арзёбӣ гардиданд.

Романҳояш дар мавзўъҳои замонавӣ, айни замон, қобили таваҷҷўҳ қарор гирифтанд. Аз ҷумла, «Умед», «Обутоб», «Писари дегрез», «Паланги Чотқол», «Решаҳо ва баргҳо», «Қасоси мор» аз тарафи аҳли ҷомеа – доираи васеи китобхонон пазируфта шуданд. Алалхусус романи «Умед» ба баҳсу мунозираҳо зиёд сабаб гашт. Адиб барои ин асар ба Мукофоти давлатии ҷумҳурӣ сазовор дониста шуд.

Мирмуҳсин дар равнақи адабиёти кўдак низ саҳм гирифт.«Ситораҳо», «Лола», «Гелос ва зардолу» ном асарҳояш барои бачаҳо ҳанўз рўимизианд.

Намунаҳо аз осори Мирмуҳсин бо забонҳои русӣ, украинӣ, қазоқӣ, англисӣ, қирғизӣ, арабӣ ва ғайраҳо тарҷума шудаанд. «Паланги Чотқол»-и ў ба тоҷикӣ тарҷума ва дар маҷаллаи «Садои шарқ» ба табъ расида буд.

Устод Мирмуҳсин ба адибони ҷавон мегуфт яке аз муҳимтарин шартҳои нависандагӣ – ин азму иродаи қавӣ. Як сухани ҳазрати Саъдиро ҳамеша ба хотир мерасонд: «Иродат надорӣ, саодат маҷў». Адабиёт роҳи ҳамвор нест, мегуфт вай, печухамҳои зиёд дорад. Дигар, на ҳамеша ба навиштаҳоят эътибор медиҳанд. Вале агар муваффақ шудан хоҳӣ, асло пас нагард. Ба пеш ва ба пеш!

Дар яке аз ҷамъомадҳои адабӣ ба ҷавонон – иштирокдори анҷумани эҷодкорони наврас ў изҳор кард: «Аз дар ронанд, аз дарича даро!» Таҳти ин суханони шўҳиомези Мирмуҳсин ният ва маъниҳои ҷиддӣ ниҳон буданд, ки бо кафкўбиҳо истиқбол гаштанд.

Нависандаи мардумии Ўзбекистон Мирмуҳсин, ки 100-солагиаш қайд мегардад, соли 1998 бо ордени «Эл-юрт ҳурмати» мукофотонида шуда буд.

М. ШОДИЕВ.

ИСТИҚБОЛИ КОРХОНА

Корхонаи хурди «Меҳригиёх», ки дар ноҳияи Учкўпруки вилояти Фарғона фаъолият мебарад, натанҳо аҳолии маҳаллӣ, балки таваҷҷўҳи хориҷиёнро низ ба худ ҷалб кардааст.

Корхона дар 25 гектар майдон бо баробари меваҳои ситрусии гоҷӣ, папайя, мушмула, қаҳва, киви, банан растаниҳои резаворӣ, гиёҳҳои доруворро низ меруёнад. Назди корхонаи номбурда Маркази саломатии «Доктор Алӣ», маҷмўаи фитобар, намоишгоҳи маҳсулоти доруворӣ, маркази гастрономӣ ташкил шудааст. Аз як сў плантатсияи лаванда, розмарин, киви бошад, аз тарафи дигар ниҳолҳои папайя, гуава, зайтун назари бинандаро ба худ мекашад. Тамошои садбаргҳои Димишқ, растаниҳои шифобахши табиати кишварамон ҳаловатбахшанд.

Баъди ба рўйхати объекти сайёҳии Ўзбекистон дохил шудани «Меҳригиёх» (соли 2018) ин ҷо корҳои зиёд кардани навъҳои доруворихои экологӣ босуръат пеш меравад. Алҳол, мутахассисон барои маҳаллигардонии рустаниҳои ноёб ва аз онҳо истеҳсол намудани маҳсулоти доруворӣ корҳои илмӣ мебаранд. Дар корхона 150 нафар бо кори доимӣ, 50 нафар коргар бо меҳнати мавсимӣ банд мебошанд. Онҳо аз рустаниҳои дорувор 113 навъи чой, 10 хели зираворӣ, 12 намуди равғани шифобахш, 14 хели шарбат ва асал, 7 намуди косметика ва антисептик истеҳсол мекунанд.

Маҳсулоти «Меҳригиёх» дар Чин, Русия, Қазоқистон, Қирғизистон харидорони худро дорад. Имрўзҳо бо Аврупо ва Арабистони Саудӣ оиди ҳамкорӣ музокираҳо ба амал бароварда мешавад.

– Даҳҳо навъи гиёҳҳои ноёби доруворие, ки дар ҳудуди мо истеҳсол мешаванд, ба монанди олеуропеини барги зайтун, расторопша, ки бо хусусиятҳои шифобахшии худ маълуманд, манзури харидорон мебошанд, – мегўяд иҷрокунандаи вазифаи директори корхонаи номбурда Хондамир Нуриддинов. – Дар корхона истиқболи саёҳати экологӣ ва тиббиро мушоҳида кардан душвор не. Хусусан, хонаи ароматерапия, накҳати гулҳои лаванда, бобуна, навъҳои растаниҳои хушконидашуда ва равғани онҳо бо шифобахшии худ манзури сайёҳон мегардад.

Дар сурат: дар корхонаи хурди «Меҳригиёх»-и ноҳияи Учкўпруки вилояти Фарғона.

Суратгир:
М.ҚОДИРОВ (ЎзА).

Ўзбекистони нав – ҳамсоягии нав

Наврӯза Мамирова: АЗ ЭЪТИБОРИ РАҲБАРИ ЎЗБЕКИСТОН САРФАРОЗАМ

Имрӯз ин духтари ўзбекро на фақат дар Тоҷикистону Ўзбекистон, балки берун аз он низ мешиносанд. Худи вай аз хусуси лаҳзаҳои сурурбахше, ки 11-уми июни соли 2021 рух доданд, бо ифтихору ҳаяҷон нақл мекунад.

Маълум аст, ки 11-уми июни соли ҷорӣ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев ҳангоми сафари расмиаш ба Тоҷикистон бо ҳамроҳии роҳбари ин мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри бостонии Хуҷанд ташриф оварда буд. Ин ҷо бояд зикр кард, ки Ш. Мирзиёев аввалин раҳбари Ўзбекистон ба шумор меравад, ки ба ин шаҳри дилрабову бостонӣ сафар кард. Аз ҷумла ба Қасри Арбоби ноҳияи Бобоҷон Ғафуров (ин кох дар таърихи Тоҷикистони мустақил нақши махсус дорад, зеро айнан дар ҳамин ҷо моҳи ноябри соли 1992 дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро сарвари давлат интихоб карда буданд) ташриф фармуда, дар ҷамъомад бо рӯшанфикрони вилояти Суғд суханронӣ намуд. Президенти Тоҷикистон Э. Раҳмон Ш. Мирзиёевро хайра мақдам гуфта, аз равобити беш аз пеш инкишофёбандаи ду кишвар бо камоли мамнуният ҳарф зад ва ҷилави суханро ба Президенти Ўзбекистон дод. Президенти мо аз хусуси анъанаҳои деринаю неки алоқаҳои фарҳангию адабӣ, хусусан дар риштаи омӯзиши мероси илмии аҷдодон, зарурати офаридани филми муштараки бадеӣ дар бораи дӯстии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ ва муҳимияти аз тарафи ҷавонон давом додани ин робитаҳои ҳамкориҳо мулоҳизаҳои хеле ҷолиб баён кард. Ин пешниҳодот маҳсули мубодилаи афкори сарварони ду кишвар буд, ки аз ҷониби иштирокдорони мулоқот гарму ҷӯшон пазируфта шуд.

Дар ин тадбири таърихӣ аз номи ҷавонони вилоят баранда ва муҳаррири барномаи телевизионии ўзбекии "Қадрият"-и Ширкати телевизион ва радиои вилояти Суғд Наврӯза Мамирова ба сухан баромад. Суханронии саршор аз ҳиссиёту ҳаяҷон ва таъсирбахш толори Қасри Арбобро гӯё ба ларза овард. Ӯ аз аз ҷумла гуфт:

– Аз таърихи 1 марти соли 2018 бо ташаббуси шумо – сарварони оқилу дурандеши ду давлат кушода шудани сарҳадҳо ба халқҳои тоҷику ўзбек армуғони бузург шуд ва ин воқеа аз саҳифаҳои заррини таърихи ду халқ ҷой гирифт. Аз ин иқдом хурсандии мардуми ду кишвар ҳадду канор надошт. Онҳо бо ашки шодӣ ҳамдигарро ба оғӯш гирифтанд. Зеро ба дидори якдигар ташна буданд. Бовар дорам, ки минбаъд халқҳои моро ягон қувва ҷудо карда наметавонад. Мо имрӯз дӯстию рафоқати Ҷомию Навоиро давом медиҳем! То даме, ки нафас мегирем, ҳамчун фарзанди ду миллат барои пешравии кишварҳоямон, таҳкими дӯстӣ аз самими қалб хизмат мекунем!...

... Наврӯза дар охири суханаш намунаи шеъреро, ки бо услуби хоси адабиёти тоҷику ўзбек – "ширу шакар" навишта шудааст, қироат намуд:

Тожигим ўзбекка монанд,
ўзбегим тожикмисол,
Халқи ду бир эътиборан,
дўстлиги келтирди шон.
Тўйи бир, одоти бирдир, аз
қадим ҳам, эй рафиқ,
Ҳеҷ хато не, гар бигўям қалби
пайвандли замон.
Аллаҳои модарон як, бир эрур
ёр-ёри ҳам,
Ин ду ҳамсоя аҷаб соз, ўртада
йўқдир гумон.
Пешво Эмомалӣ Раҳмон шуда
маҳбуби мо,
Шавкати ду халқ бошад
эҳтироми Мирзиё!

Раҳбарони ду давлат, рӯшанфикрон ва меҳмонони сершумори толор аз ҷояшон бархеста, ба шарафи Наврӯза ва ин суханони самимӣ кафкўбии бардавом карданд. Фикр мекунам, ҳамин лаҳзаи қариб 4 дақиқаина нуқтаи махсус ва фараҳбахши ин мулоқоти таърихӣ гардид. Аслан суҳан кай муассир мебарояд? Вақте аз замири қалб бархезад, ҳамчун ифодаи эҳсосоту майлу хоҳиши ҳозирону атрофиён садо диҳад. Оре, суханони дар ҳузури ду Президент ба забоновардаи Наврӯза изҳори ниятҳои холиси мардумони бисёрмиллионнафараи ўзбеку тоҷик, ифодаи эҳсосоти амиқи халқҳоямон буданд. Бехуда намегўянд: "Сухане дошта бош дилпазир". Аз ин сабаб Президенти мо ўро алоҳида табрик намуд ва ташаккур гуфт.

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ин лаҳза чандин рӯз ба объекти "муносибат" табдил ёфт. Ва албатта, аксарият тарҷумаи ҳоли ин духтари хушсуханро донистан мехостанд.

Чанд рӯз пеш мо суроғаи Наврӯза Мамироваро аз Хуҷанд дарёфта, бо ӯ аз тариқи шабакаи телеграми интернет ҳамсуҳбат шудем.

– Ҳангоми сухан гуфтан, пеши назарам аввал сиришки шодии инсонҳое, ки ҳангоми кушодани сарҳадҳо мерехт, падидор шуданд. Зеро ман ҳам мисли ҳазорон одамон солҳои зиёд ба дидори хешовандонам, ки дар Тошканд ва дигар шаҳрҳои Ўзбекистон иқомат доранд, муштоқ шуда будам. Бинобар ин ҳар чӣ дар дил доштам, гуфтаму мондам, мегўяд ў. – Аммо асло гумон надоштам, ки ин суханон боиси ин қадар сару садоҳо мешаванд. То ҳол ба ман занг мезананд, менависанд...

Дарвоқеъ, Наврӯза ҳоло намедонист, ки ўро "сюрприз" интизор аст. Аз он мулоқот дере нагузашта, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ўзбекистон дар Тоҷикистон Эргаш Шоисматов ба Наврӯза Мамирова ҳадяи қиммат-баҳои Президенти Ўзбекистон ва нишони сарисинагии "Ўзбекистон белгиси"-ро аз номи Агентии ҷавонони Ўзбекистон тантанавор супурд.

– Ин эътибор, ба ростӣ, ба ман болу пар бахшид. Ҳамон як суханронӣ ҳаёти маро, ҷаҳонбиниамро дигар кард. Гирифтани туҳфа аз номи Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев дар ҳаёти ман воқеаи фаромӯшнопазир аст. Ин эътибор ба ҳамаи ҷавонони Тоҷикистон дахл дорад. Ман ба ин инсони бузургу мардумпарвар арзи сипос менамоям. Дар бобати эҷод бошад, ният дорам ҳамкориро бо ҳамкасбони ўзбекистонӣ идома дода, "пулҳои" телевизиониро ташкил намоям. Аз кормандони телевизиони Ўзбекистон Дилдора Рустамоваро устоди маънавии худ медонам. Ба ӯ аз хурдсолӣ ҳавас мекардам ва ҳоло низ.

Бояд гуфт, ки тарҷумаи ҳоли Наврӯза хеле оддист. Соли 1996 дар рӯзи ҷашни Наврӯз дар деҳаи Муҷуни ноҳияи Деваштич (собиқ Ғончӣ) дар хонаводаи коргар Собирҷон ва муаллимаи забон ва адабиёти ўзбек Вилоятхонум ба дунё омадааст. Пас аз хатми бомуваффақияти мактаб ба шуъбаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров дохил шуд. Ба шавҳар баромад, ду фарзанд дорад. Ҳамсараш Зиёвиддин Иноятов соҳибкори пешқадам аст. Ба бахти Наврӯза тобистони соли 2018, яъне баъди фароҳам омадани муносибатҳои неки байни Ўзбекистон ва Тоҷикистон дар ширкати телевизион ва радиои вилояти Суғд барномаи ўзбекии "Қадрият" ташкил карда шуд ва Наврӯза – магистранти донишгоҳро ба ҳайси баранда ва журналисти он барнома ба кор қабул карданд.

Ӯ дар барномаи "Қадрият" аз қадр ёфтани мардуми ўзбекзабони вилоят, эҷоди рӯшанфикрон, намояндагони илму фарҳанг, марказҳои миллии фарҳангӣ, аз рӯзгори инсонҳои оддӣ ҳикоя мекунад. "Қадрият" зуд соҳиби аудитория ва рейтинги хуб шуд. Нақшаҳои Наврӯза хеле зиёданд. Аз ҷумла, ба докторантура дохил шуданист. Мавзӯи кори илмиаш хеле муҳим: "Инъикоси муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистон ва Ўзбекистон дар саҳифаҳои рӯзномаҳои ўзбекии вилояти Суғд (дар мисоли нашрҳои "Суғд ҳақиқати" ва "Маънавият").

– Осори адибони ўзбек Ғафур Ғулом, Зулфия, Абдулла Орипов, Эркин Воҳидов, Амон Матчон, Муҳаммад Юсуф ва дигаронро мунтазам мутолиа мекунам, забон ва адабиёти тоҷикро амиқ омӯхта истодаам. Зеро беҳуда намегўянд: "Забон донӣ – ҷаҳон донӣ». Бинед, шоири маҳбуби мо Мирзо Турсунзода чӣ қадар оддӣ, вале пурмаъно гуфтаанд:

Дўстиро ҷустуҷӯ дорем мо,
Аз амонӣ гуфтугӯ дорем мо.
Одамон аз дўстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум
рўзи сахт.

Мо, ҳангоме ки бо Наврӯза Мамирова суҳбат мекардем, – 24-уми июл дар воситаҳои ахбори оммавии мамлакат натиҷаҳои пурсиши ҷунбиши умумимиллии "Юксалиш" оид ба 15 ислоҳоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки боиси таҳаввуллоти бузург шудаанд, эълон гардид. Маълум шуд, ки гурӯҳи коршиносони маҳаллию хоричӣ барои шаҳрвандон ба роҳ монда шудани муносибатҳои мусолиматомез ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, кушода шудани сарҳадҳоро ба сифати ислоҳоти муҳимтарин арзёбӣ кардаанд. Вақте ин хабарро ба Наврӯза расонидам, ӯ гуфт: – бечунучаро "Ман ҳам дар ҳамин ақидаам". Оре, ҳамаи мо чунин ақида дорем.

Шоҳаҳҳор САЛИМОВ,
шореҳи сиёсӣ.

ШУЪБАИ ТОҶИКИИ ВИЛОЯТӢ ТАШКИЛ ШУД

Вобаста ба Рӯзи дӯстии халқҳо дар Ўзбекистон як қатор тадбирҳои фарҳангӣ баргузор шуданд.
Дар Самарқанд низ ин сана бо тантана таҷлил гардид.

Хурсандибахш барои эҷодкорон ин буд, ки ду нафар эҷодкори тоҷики вилоят – нависанда ва журналисти сермаҳсул Зоҳир Ҳасанзода ва адибаи ҷавон Маликаи Бахтиёр ба узвияти Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон пазируфта шуданд.

Пештар аз адибони тоҷик Асадуллоҳ Исмоилзода ва Нормурод Каримзода низ узви ин иттиҳоди бонуфузи эҷодӣ гардида буданд.

Агар эҷодкорони зуллисонайн Нусрат Раҳмат ва Раҳимҷон Наимиро ба инобат бигирем, сафи тоҷикзабонон дар узвияти Иттифоқи нависандагони вилояти Самарқанд ба 6 нафар расид.

Бо дарназардошти ин шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар вилояти Самарқанд ташкил ёфт.

Роҳбари шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагони Ўзбекистон Тошпўлод Тугалов, Журналисти шоистаи Ўзбекистон, адиб Нусрат Раҳмат дар навбати худ қайд намуданд, ки ин падида ба мустаҳкам гардидани дӯстии халқҳо ва адабиётҳо хидмат мекунад.

Ба шуъбаи тоҷикии Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар вилояти Самарқанд шоир Асадуллоҳ Исмоилзода (Шукуров) роҳбар интихоб гардид.

Минбаъд рӯзи панҷшанбеи ҳар ҳафта дар бинои шуъбаи Иттифоқи нависандагони вилоят ҷамъомади эҷодкорони тоҷик баргузор мешавад. Ҳамаи хоҳишмандон новобаста аз синну сол метавонанд дар ин ҳамоиши адабӣ иштирок намуда, эҷодиёти худро сайқал диҳанд.

А. САРХАТЗОДА.

МИННАТДОРАМ

Солҳои охир аз ҷониби сарвари кишвар барои ҷавонону наврасон бисёр имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд. Ман ҳам аз чунин имкониятҳо пурсамар истифода бурда, барои ба Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон аъзо шудан ҳуҷҷатҳоямро супорида будам. Албатта, тайёр намудани ҳуҷҷатҳо барои узвият осон набуд. Лекин ба душ-вориҳо нигоҳ накарда, бо дастгириву дилбардории волидону устодонам онҳоро омода кардам. Медонистам, ки узви ин иттифоқи боорӯ шудан осон нест.

Хушбахтона, 28-уми июл аз Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон занг зада, ба шаҳри Тошканд омаданамро хоҳиш карданд. Ман чунин хабарро интизор набудам. Боварам намеомад. Рӯзи дигар саҳарии барвақт роҳи Тошкандро пеш гирифтем.

Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон дар мавзеи зебое бо номи «Адиблар хиёбони» («Хиёбони адибон») ҷойгир буда, тадбири супурдани гувоҳномаҳои узвият 30-юми июл бахшида ба Рӯзи дӯстии халқҳо дар ҳамин ҷо гузашт. Муовини аввали раиси Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Нодир Ҷонузоқ ба 14 нафаре, ки дар мамлакатамон бо забонҳои гуногун эҷод мекунанд, гувоҳномаҳои узвият ба ин иттиҳоди эҷодиро супурд. Дар давоми тадбир оид ба имкониятҳое, ки дар мамлакатамон барои эҷодкорон муҳайё шудаанд ва аҳлу тифоқии байни миллатҳо сухан рафт.

Дар охири тадбир эҷодкороне, ки ба иттифоқ аъзо шуданд, сухан гуфтанд ва аз эҷодиёти худ намунаҳо хонданд.

Барои ин дастоварди худ аввало аз волидону аҳли оила ва аз устодонам, алалхусус аз аъзои Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон Нусрат Раҳмат, Хуршед Нуруллоев ва Ҳамида Каримова, ки ба ман барои қабул шудан ба узвият тавсияномаҳо доданд, хеле миннатдорам.

Маликаи БАХТИЁР,
узви Иттифоқи нависандагони Ўзбекистон.

Саттор ШЕРМАТОВ

ЗИНДА БОД ДӮСТӢ!

Тоҷику ўзбек ёранд аз азал,
Дӯстпарвар, дӯстдоранд аз азал.
З-ин сабаб ҳам комгоранд аз азал,
Дӯстҳоҳиву қаробат зинда бод!

Рустами Зол, Алпомиш - ду паҳлавон,
Зеби чандин қиссаҳову достон,
Ифтихори халқҳомон, ҷовидон
Халқҳои пуршуҷоат зинда бод!

Урфу одат, номҳои мо як аст,
Хона дигар, бомҳои мо як аст,
Аввалу анҷомҳои мо як аст,
Беҳтарин оину одат зинда бод!

Дӯст Ҷомӣ бо Навоӣ будааст,
Дар дили ҳар ду сафое будааст,
Меҳр, нуру рӯшноӣ будааст,
Нури хуршеди саодат зинда бод!

Аз ўзбекӣ тарҷумаи
А. СУБҲОН.

Тобистони хуррами бачаҳо

ИСТИРОҲАТ БОФАРОҒАТ МЕГУЗАРАД

Ҳар сол барои солимгардонӣ, шавқовар ва ҷолиби диққат баргузории таътили тобистона мактабиён роҳи истироҳатгоҳҳоро пеш мегиранд. Вале соли 2020 ба туфайли пандемияи коронавирус, барои мактабиён ба истироҳати бофароғати тобистона имконият нашуд.

Хушбахтона, соли ҷорӣ чунин имконият пайдо шуд.

Чунончи, дар 67 мактаби таълими умумии вилояти Намангон дар зарфи 10 рӯз истироҳатгоҳҳои рӯзона ба фаъолият шурӯъ карда, 10 ҳазор нафар духтарону писарон истироҳат карданд. Барои онҳо 144 нафар роҳбалад, 172 нафар тарбиячиён, 62 нафар омӯзгорони мусиқӣ, 76 нафар мураббиёни тарбияи ҷисмонӣ, ҷамъ 521 нафар омӯзгорон ва мураббиён аз таҳти дил хидмат карданд.

Қобили қайд аст, ки ҳамаи истироҳатгоҳҳои бачагонаи берун аз шаҳр дар бағали кӯҳҳо ва ҷойҳои ҷолиби диққати сояву салқин воқеъ мебошанд ва бо табиати дилфиребаш ба истироҳаткунандагон ҳузур мебахшад. Аз ҷумла, истироҳатгоҳҳо дар ноҳияи Янгиқўрғон «Камалак» ва «Лола», ноҳияи Косонсой «Соҳил» ва «Олмазор», ноҳияҳои Поп – «Офтобча», Чуст – «Баркамол авлод», Норин – «Норин», Уйчӣ – «Умид ниҳоллари» амал мекунанд.

Дар истироҳатгоҳҳо таҳти шиори «Ту сарчашмаи нирӯ, даргоҳи бахту саодат ҳастӣ, Ўзбекистони азиз!» як қатор чорабиниҳои маънавию маърифатӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ баргузор гардиданд. Аз ҷумла, «Салом, истироҳатгоҳ», «Санъатам барои ту, диёри ободам», «Рӯзи нафосат ва зебоӣ», мусобиқаи варзишии «Рӯзи ҷасорат ва мардӣ», «Афсонаҳо ба некиҳо мебаранд», «Маликаи истироҳатгоҳ», «Офарин, писарон», «Рӯзи рақсҳои дунё», «Зодрӯзи ту», «Карнавали ҷавонон» озмуни суратқашон дар мавзӯи «Дунё аз нигоҳи бачаҳо» баргузор гардид.

Қобили қайд аст, ки қисми асосии кормандони истироҳатгоҳҳои вилоятамон соҳибони маълумоти олианду дар ин соҳа таҷрибаи зиёд доранд.

То ҳозир дар истироҳатгоҳҳои берун аз шаҳр дар се баст ҷамъ 4 ҳазору 50 нафар писарону духтарон истироҳат карда, солим ва бардам ба оғӯши оилаашон баргаштаанд.

Дилшод ДЕҲҚОНОВ,
мутахассиси шуъбаи корҳо оид ба маънавият ва маърифат ва варзиши иттиҳодияи касабаи вилояти Намангон.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тоҷик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-825. Адади нашр 5748, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 23.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30. сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.